# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11 декабри соли 2025, № 30**

Бораи сазовор донистани Каримдодзода Миралӣ Замон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.

Диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи “Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) 3-юми октябри соли 2025, протоколи №22-и шурои диссертатсионии 6D.КОА–093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Каримдодзода Миралӣ Замон 06 феврали соли 1993 дар ноҳияи Дарвози ВМКБ дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст. Ӯ соли 2016 факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси муаррих-бостоншинос хатм намудааст. Каримдодзода Миралӣ Замон айни ҳол сардори шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи таърихи илм ва техникаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ.

**1.** Муқарризони расмӣ: Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи археология, этнография ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров ва Муродов Назримад Сафарович-номзади илмҳои таърих, декани

факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**2.** Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Ганҷакова М.Г. имзо шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. - V м.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09.-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ ҷамъбаст карда шуда, аз ҷиҳати мазмуни илмӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор аст. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 17 интишори илмӣ оид ба мазмуни диссертатсия дорад, ки аз ин шумора 2 ададаш монография буда, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Монографияҳо**

[1-М]. Каримдодов, М.З. Ганҷинаи сиккаҳои қадими Осорхонаи миллӣ [Матн] / М.З Каримдодов., А.А. Шарифзода. – Душанбе: Шинос, 2023. - 204 с.

[2-М]. Ибодуллозода, А.И. Шаҳраки кушонии Сайёд [Матн] / А.И. Ибодуллозода., Ф.Н. Шоинбеков, Каримдодов, К.М. Сафолов, У.М. Азизов.–Душанбе: ЭР-граф, 2022. - 120 с.

**Интишороти унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА низди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[3-М]. Каримдодов, М. Инъикоси сиккаҳои қадим дар толори сиккаҳои МД ОМТ. [Матн] / М. Каримдодов // Муаррих. – Душанбе: Дониш, 2020. – №4 (24). – С.64-74.

[4-М]. Каримдодов, М. Бозёфти сиккаҳои кушонӣ дар шаҳраки Сайёд дар соли 2021 [Матн] / М. Каримдодов // Гузориши АМИ ҶТ. – Душанбе, 2021. – №4 (016). – С.43-47.

[5-М]. Каримдодов, М. Ковишҳои бостоншиносӣ ва бозёфти сиккаҳои кушонӣ дар шаҳркадаи Ғаравқалъа [Матн] / М. Каримдодов //Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2021. – №3 (88). – С.28-34.

[6-М]. Шарифзода, А. Каримдодзода М. Қадимтарин сиккаҳои фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва масъалаҳои таърихи ташаккули

муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна / А. Шарифзода, М. Каримдодзода // Муаррих.– Душанбе, 2024.– №4 (40). – С.43-55.

[7-М]. Каримдодзода, М. Аз таърихи ташаккули сиккашиносӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М. Каримдодзода //Пайёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2025. – №2 (10). – С.124-136.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо чоп шудаанд:**

[8-М]. Каримдодзода, М. Саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ғанӣ гардонидани коллексияи сиккаҳои қадими Осорхонаи миллӣ [Матн] / М. Каримдодзода // Пешвои миллат ва рушди осорхонаҳо дар Тоҷикистон. –Душанбе, 2024. – С. 159-177.

[9-М]. Каримдодов М. Бозёфти сиккаҳои қадим дар ёдгории Ҳалқаҷар дар соли 2020 [Матн] / М. Каримдодов // Ахбори МД ОМТ. – Душанбе. – 2022. – №5. – С. 100-104.

[10-М]. Каримдодов, М. Бозёфти аввалин сиккаи юнонӣ-ҳиндӣ дар Тоҷикистон [Матн] /М. Каримдодов //Ахбори МД ОМТ. – Душанбе, 2022. – №5. – С.165-166.

[11-М]. Каримдодов, М. Ганҷинаи Кӯлоб [Матн] / М. Каримдодов //Ахбори Осорхонаи миллӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – С.59-67.

[12-М]. Каримдодов, М. Коллексияи сиккаҳои мисӣ аз Ҳалқаҷар [Матн] / М. Каримдодов // Мероси Ниёгон. – Душанбе: Кайҳон. – 2021. – №23. – С.65-69

[13-М]. Каримдодов, М. Таҳқиқи ганҷинаи сиккаҳои кушонӣ [Матн] / М. Каримдодов //Ахбори Осорхонаи миллӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2022. –С.67-74.

[14-М]. Каримдодов, М. Ҷамъоварӣ, ҳифз ва муаррифии сиккаҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн] / М. Каримдодов // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – № 4. – С.83-87.

[15-М]. Каримдодов, М.З. Ганҷинаи Гузари Боло [Матн]: худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ / М.З. Каримдодов //Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 03 октябри соли 2023. – Душанбе: ДМТ, 2023. – С. 417-422.

[16-М]. Каримдодов, М.З. Сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва сосонӣ дар Осорхонаи миллӣ [Матн] / М.З. Каримдодов // Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024. – С. 237-241.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

1. Ҷобиров Раҷабалӣ – номзади илмҳои таърих, дотсент, сардори раёсати илм ва иноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Сафарқулова Г.Ю. - номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ, табиӣ ва риёзии Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**3.** Сафаров Х.Х. – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

**4.** Хоҷазода Шералӣ Раҷаб - номзади илмҳои таърих, директори Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо эродҳо вуҷуд надоранд. Дар тақризҳо ҷанбаҳои навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Ҳамчунин, дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ва доир ба масъалаҳои сиккаҳои қадим ва асримиёнагӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ: сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ **коркард карда шуд:**

- ***ошкор менамояд, ки*** барои омӯзиши таърихи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар даврахои қадим ва ибтидои асрҳои миёна, дар баробари сарчашмаҳои хаттӣ маводи нумизматӣ, аз ҷумла сиккаҳо ҳамчун манбаи муътамад ва мустанад аҳаммияти хос доранд. Дар осорхонаҳо нисбат ба дигар муассисаҳои илмӣ ба ҷамъоварӣ, ҳуҷҷатнигорӣ ва таҳқиқу муаррифии сиккаҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад.

- ***пешниҳод шудааст, ки о***мӯзиши ганҷинаҳо, махсусан ганҷинаҳои калон ва сиккаҳое, ки дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ аз ёдгориҳо ба даст меоянд, дар муқоиса бо сиккаҳои ҷудогона дорои афзалият мебошанд, зеро онҳо иттилооти бештар ва ҳамаҷонибаро фароҳам меоранд ва имкон медиҳанд, ки ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии як давраи муайян нисбатан мукаммал таҳқиқ гардад;

-***исбот шудааст:*** дар давраи истиқлол таҳқиқоти сиккашиносӣ дар ҷумҳурӣ густариш ёфта, Осорхонаи миллии Тоҷикистон мақоми марказии ин равандро касб кард. Саҳми муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла Д. Довудӣ, А.Қ. Шарифзода, Ф. Сафоев, М. Сафоев, М. Каримдодзода ва А.А. Шарифзода дар таҳияи феҳристҳои илмӣ, баргузории таҳқиқоти саҳроӣ ва нашри илмии маводи нумизматӣ назаррас мебошад. Ин раванд тавассути ҳамкориҳои байналмилалӣ мустаҳкам гардида, заминаи устувори рушди минбаъдаи илмии сиккашиносии Тоҷикистонро фароҳам овард;

-*ҷорӣ намудани* таҳлили таърихи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ тавассути омӯзиши сиккаҳо, барои тарғиб ва муаррифии таърихи Тоҷикистон ва ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеа ба омӯзиши мероси фарҳангӣ, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳои ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** омӯзиши сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон имкони таҳқиқи амиқи равандҳои сиккасозӣ ва муомилоти пулии Бохтари Қадим ва Тахористонро аз замони Ҳахоманишиён то оғози ҳукмронии Сосониён фароҳам овард. Дар натиҷаи таҳқиқ маълумоти нав ва муҳимми илмӣ ба даст оварда шуданд, ки метавонанд заминаи устувор барои тадқиқоти минбаъда дар соҳаи сикказанӣ ва таърихи муомилоти пулӣ дар минтақаи мазкур бошанд.

- *баён шудани* марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди сиккашиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши таърих ва ташаккули фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, муайян намудани таркиб, даврабандии хронологӣ ва мансубияти сулолавии сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон, таҳлили топографии сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёна;

- *ошкор гардидани* таснифи илмии сиккаҳои қадим тибқи хусусиятҳои хронологӣ, сулолавӣ ва ҷуғрофӣ, таҳқиқи параметрҳои метрологии сиккаҳои асри V пеш аз милод ва асри V милодӣ дар фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон, муайян намудани таърихи ташаккул ва рушди муомилоти пулӣ ва сикказанӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, ба доираи илмӣ ворид намудани маводи нави нумизматикӣ ва муайянсозии намунаҳои нав ва то ҳол таҳқиқнашудаи сиккаҳо;

- *омӯхта шудани* таърихи ташаккули сикказанӣ ва муомилоти пулии Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, омӯзиши бозёфтҳои нав ва таҳияи феҳристи мукаммали сиккаҳое, ки дар осорхонаҳо ҳифз мешаванд, таркиби сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, даврабандии муомилоти пулии Бохтари Қадим бо такя ба маводи тоза ва муътамад, раванди ташаккул ва рушди сикказанӣ дар Бохтари Қадим, хусусияти хоси таърихи ташаккули муомилоти пулии шимоли Бохтар;

-*аз нав такмил додани* омӯзиши сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикстон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

-*коркард ва ҷорӣ карда шуданд:* натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмию амалии олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маърӯза баён гардидаанд;

- *муайян карда шуд,* ки мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот зимни таҳияи асарҳои ҷамъбастӣ ва махсус доир ба таърихи сикказанӣ ва

муомилоти пулӣ дар давраҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, Осиёи Миёна, Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон ба таври амалӣ истифода шаванд. Матолиби таҳқиқотро метавон дар ҷараёни омӯзиш дар курсҳои тахассусии донишгоҳӣ, бахусус дар фанҳои таърихи бостон, сиккашиносӣ ва низомҳои иқтисодии давраҳои қадим, мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ барои кормандони осорхонаҳо дар таҳияи экскурсияҳо, тартиб додани шиносномаҳои илмӣ ва феҳристсозии сиккаҳо манбаи муҳим аст. Ҳамчунин, сиккашиносон метавонанд бо такя ба феҳристу тавсифи муфассали сиккаҳо, ки дар рисола таҳия шудаанд, ба муайянсозӣ ва шарҳи сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи минтақа муваффақ гарданд.

- ***офарида шуд:*** бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ .

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки** дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

-***ғояи*** таҳқиқот дар заминаи сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, асарҳои бунёдӣ, асарҳои нумизаматӣ, ҳисоботҳои бостоншиносӣ, мақолаҳои илмӣ ва ковишҳои бостоншиносӣ *асоснок шудааст;*

- ***истифода шудаанд:*** 2780 адад сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, катибаҳои рӯй ва пушти ҳамаи ин сиккаҳо, ки қисми зиёди онҳоро сиккаҳои давраи Кушониён ташкил медиҳанд, асару мақолаҳои илмие, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ оид ба сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёна таълиф гардидаанд. Илова бар ин, осори муҳаққиқони хориҷӣ, ки дар кишварҳои Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Британиёи Кабир ва минтақаи Осиёи Миёна ба табъ расидаанд, ба таври васеъ истифода гардиданд.

-***муайян шудаанд:*** - омӯзиш ва таҳқиқи сиккаҳои аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ёфтшуда, ки дар таркиби Хазини Амударё маҳфузанд, фонди сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, тасвирҳо ва навиштаҷотҳои сиккаҳои юнонӣ, селевкӣ, бохтарӣ, кушонӣ, ҳахоманишӣ, вазнҳои сикли ҳахоманишӣ, статери юнонӣ, вазни миёнаи тетрадрахмаҳои Юнону Бохтар, вазни миёнаи халкҳои Юнону Бохтар, вазни миёнаи оболҳои Юнону Бохтар, драхмаҳои ашконӣ, вазни миёнаи динорҳои кушонӣ, вазни миёнаи тетрадрахмаҳои нуқрагии кушонӣ, тетрадрахмаҳои мисӣ, драхмаҳои мисӣ, вазни миёнаи драхмаҳои мисии кушонӣ–сосонӣ, вазни миёнаи дирҳамҳои сосонӣ; муомилоти пулӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон аз

асрҳои VI–IV пеш аз милод то давраи Юнониён, раванди муомилоти пулӣ дар аҳди Юнону Бохтар то аҳди Кушониён, инъикоси ганҷинаи бузурги сиккаҳои юнонӣ-бохтарӣ дар адабиёти хориҷӣ, раванди таҳқиқи сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон, аз ҷумла сиккаи Панталион (шоҳи юнонӣ-ҳиндӣ), сиккаи Куҷула Кадфиз ва драхмаи Вима Кадфиз;

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои принсипи таърихият (историзм), назария ва усулҳои таҳқиқотии сиккашиносони маъруф, аз ҷумла Н.Н. Забелина, Е.В. Зеймал, О. Смирнова, М.Е. Массон, Э.В. Ртвеладзе, А. Н. Горин, Ҷо Крибб, О. Бопеараччи, Р. Самад ва Е.А. Давидович истифода шудааст. Ҳамчунин, зимни таҳқиқот методҳои илмӣ - муқоисавӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ, таснифӣ ва ба монанди онҳо васеъ истифода гардидааст. Барои ифшои бештар ва истифодаи васеи имкониятҳои сарчашмавии сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз усулҳои таснифии сиккашиносон М. Е. Массон, Е. А. Давидович, Е. В. Зеймал, Д. Довутов ва Ҷ. Крибб баҳра бардоша шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз таҳқиқ, тавсиф, тасниф, таҳияи феҳристи илмии 2780 сиккаи қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, муқоисаи тадбиқии иттилооти илмии бадастомада, дар асоси хулосаҳои илмии аз таҳқиқи сиккаҳо ҳосилшуда муайян намудани вижагиҳо ва таърихи ташаккули муомилоти пулӣ ва сикказанӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ва Осиёи Миёна иборат мебошад.

Дар маҷлиси 11 декабри соли 2025 (аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар ҳузур доштанд) шурои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Каримдодзода Миралӣ Замон дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ 5 нафар. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор -13 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих — Бобоев Х.Ю.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори фалсафа
(PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих — Мирзоев Ш.Ҷ.

11 декабри соли 2025